# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «28» 03 соли 2025 № 96/уи ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5 сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикршуда, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад.
2. И.в. мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Шарифзода Б.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 2 (ду) адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор чораҳои зарурӣ андешад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Каримзода М.А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» 03 соли 2025, № 96/уи

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии профессор, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода мешаванд

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии профессор | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии профессор ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Зариф Ализода | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқ» |
| 2. | Назирӣ Гулбаҳор Назир | Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ; профессор аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |